## Тақриз

**ба автореферати Саидзода Обидҷон Саид дар мавзӯи "Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон"" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика**

Аз мутоилаи автореферати рисолаи номзадии Саидзода Обидҷон Саид дар мавзӯи "Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон"" ба хулоса омадан мумкин аст, ки муаллиф дар радио ҳамчун журналист кор карда, бо муҳити эҷодии ин воситаи ахбори оммаи электронӣ ошност. Мавзӯе, ки барои таҳқиқ интихоб намудааст, мавзӯи нав ва муҳим дар соҳаи журналистикаи радио ба ҳисоб меравад.

Таҳлил, омӯзиш ва истифодаи маводи хазинаи радиои "Тоҷикистон" ба рисоланавис имкон додааст, ки бобати хонишҳои адабию радиотеатрҳо ва қонуниятҳои пешрафт ва сохтори онҳо, мавқеъ ва нақши осори савтӣ дар пешбурди афкори ҷомеа, тарғиби ғояҳои соҳибистиқлолӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тасвири олами ботинии қаҳрамони осори савтӣ, нақши ровии хониши адабиву бадеӣ, таносуби мантиқии мусиқиву матн бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ андешаронӣ намояд.

Ба андешаи мо дар баробари таҳқиқи ҷиҳатҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқшаванда хуб мешуд, ки боби алоҳидаеро ба жанрҳои публитсистикаи бадеии журналистикаи радио, ки тавассути онҳо таблиғи адабиёт ва санъат тариқи осори савтӣ дар радио пешниҳоди шунавандагон гардонида мешавад бахшида мешуд. Зеро хусусиятҳои хоси ин жанрҳо, сабабҳои камчин шудани шумораи ингуна гуфторҳои радиоӣ, ки дар тарбияи маънавии инсон аҳамияти беандоза калон доранд илман таҳқиқ шуда, барои пешрафти илми журналистикаи радио ва боз ҳам мукаммалтар гардидани рисолаи мазкур боис мегардид.

Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки ба рисоланавис Саидзода Обидҷон Саид муяссар гаштааст, ки ҳамаи вазифаҳои таҳқиқотиро дар пажуҳиши

илмии рисолаи номзадии хеш ба анҷом расонад. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор аст.

Номзади илмҳои филология,
дотсент, мудири кафедраи
журналистикаи телевизиони
Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода Муъминҷонов Зулфиддин

Суроға: 734032
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а.
Тел.: + 992(327) 231-05-57; 93-505-14-63
E-mail: zulfiddin.m@mail.ru

"Тасдиқ мекунам"
сардори шуъбаи кадрҳои
ДДФСТ ба номи М. Турсунзода Ҳомидова Зарина

31.08.2019с.